*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №90 (2917) | СЕШАНБЕ, 10 ИЮЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Ҳайати баландпояи Конгресси ИМА бори нахуст ба Тоҷикистон омад

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 5 июл ҳайати вакилони Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Америкоро, ки таҳти сарварии узви Палатаи намояндагон Дэн Бэртон ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, ба ҳузур пазируфт.**

Гуфтугӯйи муфассали судманд доир ба роҳҳои густариши ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва низомию амниятии Тоҷикистону Америко сурат гирифт.

Дэн Бэртон Тоҷикистонро «кишвари бисёр муҳим дар Осиёи Марказӣ» номида, нақши онро дар таъмини амнияти минтақавӣ «намоён» арзёбӣ намуд. Ӯ ташрифи чунин ҳайати баландпояи Конгрессро, ки бори нахуст сурат мегирад, «нишонаи ҳавасмандии амиқи Иёлоти Муттаҳидаи Америко ба густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон» маънидод карда, изҳор дошт, ки «минбаъд чунин робитаҳо ва ҳам ҳамкории мутақобилан судманд рушд хоҳад кард».

Таъкид гардид, ки Америко кӯмакҳои техникии худро ба сохторҳои низомию амниятӣ, хусусан ба неруҳои сарҳадӣ ва мақомоти мубориза бо гардиши маводи мухаддир идома дода, аз соли 2014 ба баъд барои пурзӯр намудани ҳифзи сарҳади давлатӣ бо Афғонистон баъд аз хуруҷи неруҳои байналмилалии посдори сулҳ афзун менамояд.

Вакилони Конгресси Америко, аз ҷумла изҳор доштанд, ки кишвари онҳо аз ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дастгирӣ мекунад.

Сӯҳбати ҳавасмандона, ҳамчунин доир ба рушди ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, бартарафсозии монеаҳои сунъӣ ва густариши робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ тавассути эҳёи Шоҳроҳи Абрешим сурат гирифт.

***www.prezident.tj***

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НАМУНАҲОИ САНОАТӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 23 майи соли 2012 № 785**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 343**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2004 «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №2, мод. 48) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 6 қисми панҷум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Аз рӯи дархости дорандаи патент дар сурати супоридани пардохти ҳатмии дахлдор ба ӯ барои тамдид кардани мӯҳлати амали патент мӯҳлати шашмоҳаи иловагӣ пас аз анҷоми мӯҳлати амали патент дода мешавад.».

2. Дар қисми якуми моддаи 29 калимаҳои «банди чоруми» ба калимаҳои «сархати сеюми» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 856**

## Таъиноти кадрӣ

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 7 июл як гурӯҳ кадрҳои роҳбарикунандаи соҳаи маорифи кишвар ва Гвардияи миллиро, ки ба вазифаҳои нав пешниҳод шудаанд, барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ», директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» дар шаҳри Душанбе, сардори Маркази тайёрии кадрҳо, командири Бригадаи махсуси комендантӣ ва сардори Раёсати кор бо ҳайати шахсӣ ва кадрҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин гардиданд.

Қобили таъкид аст, ки Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» дар шаҳри Душанбе аз ду бинои таълимӣ барои 1100 ҷойи нишаст, ду бинои хобгоҳ барои 820 ҷой, як бинои истиқоматии хизматии 28 ҳуҷрадор барои муаллимон, ошхона, толори маҷлисгоҳ, ду толори варзишӣ, варзишгоҳ, бинои дегхона, ҳаммом ва зеристгоҳи барқӣ иборат аст.

Дар биноҳои таълимӣ 84 синфхона, ду китобхона, нӯҳ синфхонаи компютерӣ, ҳафт кабинети лингофонӣ, чор озмоишгоҳи химиявӣ, панҷ озмоишгоҳи физика, се озмоишгоҳи биология, 11 кабинети лексионӣ, ду толори маҷлисгоҳ, як кабинети нақшакашӣ ва дигар кабинетҳои таълимӣ ва ёрирасон пешбинӣ гардидааст.

Тибқи оиннома таҳсил дар муассисаи таълимии номбурда ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сурат мегирад. Дар муассисаи мазкур таҳсил аз рӯйи нақша, барнома ва китобҳои дарсии Донишгоҳи Оксфорди Англия ба роҳ монда мешавад.

Зимни сӯҳбат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои навтаъиншударо ба хизмати софдилонаю содиқона ба нафъи халқу Ватан, таълиму тарбияи кадрҳои ҷавон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаву касбӣ ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ адо намудани қарзи муқаддаси ватандорию давлатдорӣ ҳидоят намуд.

***www.prezident.tj***

● Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

## Иқтисодиёт рушд меёбад, манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандон ҳимоя мешавад

**7 июли соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Б. Худоёров ҷаласаи кумита баргузор гардид.**

Раиси кумита Б. Худоёров рӯзномаи ҷаласаро манзури аъзои кумита намуда, доир ба мӯҳтавои масъалаҳои муҳокимашаванда изҳори назар карданд. Пас аз маъқул дониста шудани рӯзнома масъалаҳо таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният хулосаҳои ҷонибдории худро аз рӯйи масъалаҳои зерини рӯзнома ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ».

Хулосаҳои кумита доир ба масъалаҳои дигари рӯзнома – Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти бозори меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Рошткалъа, Ишкошим, Шуғнон ва Ванҷ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Қайроққум» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстӣ» оид ба мутобиқати онҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа, оид ба иқтисодиёту коммуникатсия ва оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология пешниҳод гардиданд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Б. Худоёров ҷаласаи кумитаро ҷамъбаст намуда, аз ҷумла изҳор дошт, ки масъалаҳои баррасишуда асосан ба манфиати иҷтимоии шаҳрвандон нигаронида шуда, ҷараёни воридшавии ҷумҳуриамонро ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо суръат мебахшанд ва ба ин васила барои рушди иқтисодии кишвар шароити мусоид муҳайё месозанд.

***ӣҶумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***





## Президент машварати корӣ доир намуд

**Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 7 июл бо масъулини Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Сарвари давлат, роҳбарони вазорату идораҳо машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015» ва татбиқи амру фармонҳо ва супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз сафарҳои кориашон ба ин минтақа бармеояд, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳозирин дастур дод, ки барои рафъи оқибатҳои обхезиҳо ва ярчу сангрезӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Дастур дода шуд, ки барои соҳилмустаҳкамкунӣ ва таъмини техникаи нав ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон маблағ ҷудо карда шавад.

Сарвари давлат ба масъулини сатҳи ҷумҳуриявӣ баҳри тезонидани корҳои сохтмон, аз ҷумла биноҳои маъмурӣ, муассисаҳои таълимиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву тандурустӣ, вусъати минбаъдаи созандагию ободонӣ, бунёди пулу роҳҳо, шаш неругоҳи хурди барқи обӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ва сӯзишворӣ дастуру супоришҳо дод.

Ҳамчунин дастур дода шуд, ки барои омодагӣ ба фасли зимистон муассисаҳои маорифу тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят бо сӯзишворӣ таъмин карда шаванд.

***www.prezident.tj***

## Ба ҷашни таърихӣ - 83 иншоот

- Бахшида ба 20-солагии Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ сохта ба истифода додани 83 иншоот ба нақша гирифта шудааст,- иттилоъ доданд аз дастгоҳи раиси вилоят ба мухбири АМИТ «Ховар».

Ба иттилои манбаъ, то рӯзи ҷашни 20- солагии Иҷлосияи XV1 таърихии Шӯрои Олӣ дар ноҳияи Ванҷ сохтмони Неругоҳи хурди барқи обии «Мотравн» дар деҳоти Язгулом бо иқтидори 300 кВт, ду агрегати неругоҳи барқи обӣ дар маркази ноҳия бо иқтидори 1000 кВт, мактаб-интернат барои 640 нафар хонанда ва сохтмони як мактаби таҳсилоти умумӣ бо 12 синфхона барои 220 ҷойи нишаст дар назар аст.

Дар вилоят ҳамчунин маркази ҷавонон дар ноҳияи Рӯшон, беморхонаи касалиҳои сил дорои 45 кат, як қатор иншоот дар маркази нави ноҳияи Шуғнон- шаҳраки Ваҳдат, ҳамчунин даҳҳо иншооти дигар, аз қабили марказҳои савдо, биноҳои маъмурӣ, меҳмонхонаҳои замонавӣ то моҳи ноябри соли ҷорӣ дар вилоят мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд,-афзуд манбаъ.

***АМИТ «Ховар»***

- Чил нафар барандагони стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Дурахшандагон» дар сурати бомуваффақият гузаштан аз озмун ба донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ барои таҳсил фиристонида мешаванд.

## «Дурахшандагон» ба хориҷи кишвар мераванд

Дар ин хусус ба хабарнигори АМИТ «Ховар» Абдусаттор Одинаев, мудири бахши рушди таҳсилоти байналмилалии Вазорати маорифи ҷумҳурӣ иттилоъ дод. Мавсуф гуфт, ки озмун 10-11 июли соли равон дар пойтахт баргузор гардида, харҷи роҳкиро, иқомат, хӯрок, таҳсил ва суғуртаи тиббӣ ба ҳар як донишҷӯ аз ҳисоби стипендияи мазкур пардохт карда мешавад.

Алҳол тавассути стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» 250 нафар донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ, назири Федератсияи Россия, Малайзия, Украина, Белорус ва Қазоқистон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Стипендияи мазкур моҳи июни соли 2009 бо иқдоми Сарвари давлат созмон дода шуда, ҳадафаш дастгирии толибилмони боистеъдоду хушсалиқа ва дорои ҷаҳонбинии васеи кишвар аст.

***АМИТ «Ховар»***

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАРҲАМДИҲИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 18 апрели соли 2012 №733**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 № 340**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011 «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №6, мод. 432) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 1 моддаи 35:

- дар сархати якум калимаҳои «ё таъини» ба калимаҳои «ва фаъолияти» иваз карда шаванд;
- дар сархати сеюм калимаи «Ҳукумат» ба калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад;
- дар сархати чорум калимаҳои «Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» ва «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» иваз карда шаванд;
- дар сархати панҷум калимаҳои «Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 3 моддаи 50 калимаҳои «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» ба калимаҳои «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 851**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РӮЗҲОИ ИД»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 4 апрели соли 2012 №728**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №317**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 «Дар бораи рӯзҳои ид» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 608) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

Дар моддаи 2:

- сархати нӯҳум хориҷ карда шавад;
- сархати шасту нӯҳум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- Рӯзи геологҳо – 9 декабр;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 834**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ИСТЕҲСОЛУ МУОМИЛОТИ СПИРТИ ЭТИЛӢ ВА МАШРУБОТ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 23 майи соли 2012 № 795**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №346**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» аз 15 майи соли 1997 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №10, мод. 147; с. 1998, №10, мод. 74; с. 2002, №4, қ.1, мод.179; мод. 188; с.2007, №6, мод. 434; мод. 437) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми якуми моддаи 3:

- сархатҳои якум, сеюм ва ҳафтум хориҷ карда шаванд;
- дар сархати панҷум калимаҳои «шартҳои техникӣ» ба калимаҳои «регламентҳои техникӣ» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми якуми моддаи 4:

- сархати якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«иҷозатномадиҳии фаъолият вобаста ба истеҳсол ва муомилоти спирти этилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;»;

- сархатҳои дуюм ва чорум хориҷ карда шаванд;
- дар сархати панҷум калимаҳои «шартҳои техникӣ» ба калимаҳои «регламентҳои техникӣ» иваз карда шаванд.

3. Дар ном ва матни қисми якум ва дуюми моддаи 5 калимаҳои «дар соҳаи истеҳсол ва муомилоти спирти этилӣ, машрубот ва маҳсулоти спиртӣ» ба калимаҳои «дар соҳаи истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» иваз карда шаванд.

4. Дар қисми якуми моддаи 6:

- сархати якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«иҷозатномадиҳии фаъолият вобаста ба истеҳсол ва муомилоти машрубот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;»;

- дар сархати панҷум калимаҳои «шартҳои техникӣ» ба калимаҳои «регламентҳои техникӣ» иваз карда шаванд.

5. Дар қисми сеюми моддаи 7 калимаи «стандартҳо» ба калимаҳои «регламентҳои техникӣ» иваз карда шавад.

6. Ҷумлаи якуми қисми чоруми моддаи 9 хориҷ карда шавад.

7. Дар моддаи 10 калимаҳои «шартҳои техникии» ба калимаҳои «регламентҳои техникии» иваз карда шаванд.

8. Моддаи 11 хориҷ карда шавад.

9. Дар моддаи 13:

- қисми сеюм дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Назорати давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот, назорати додани иҷозатномаҳоро барои истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот, сертификатсияи таҷҳизоти истеҳсоли спирти этилӣ ва машрубот, назорати риояи шартҳои ҳатмии барои машрубот ва ашёи хоми истеҳсоли он муқарраршуда, сифати спирти этилӣ ва машруботро дар бар мегирад.»;

- аз қисми чорум калимҳои «, муайян кардани саҳмия (квота), декларация кардан» хориҷ карда шаванд.

10. Дар қисми якуми моддаи 14:

- сархатҳои сеюм ва нӯҳум хориҷ карда шаванд;
- дар сархати ҳафтум пас аз калимаи «талаботи» калимаи «ҳатмии» илова карда шавад;
- дар сархати ҳаштум аломати нуқта вергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 872**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАЙТОРӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2012 № 808**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №349**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи байторӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, қ. 1, мод. 833) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 сархати дувоздаҳум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- табъиз (дискриминатсия) – муқаррар намудани ҳуқуқи пасттар барои ягон давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии он нисбат ба давлати дигар, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии он;».

2. Дар моддаи 4:

- ба сархати якум пеш аз калимаи «пешбурди» калимаҳои «тасдиқ ва» илова карда шаванд;
- дар сархати шашум калимаҳои «маҳсулоти моҳигӣ ва тухм» ба калимаҳои «маҳсулоти моҳигӣ, тухм ва маҳсулоти занбӯри асал» иваз карда шаванд;
- сархати дувоздаҳум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- ҳифзи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридшавӣ ва паҳншавии барангезандаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот аз қаламрави давлатҳои дигар ё минтақаҳои карантинӣ;»;

- сархати сенздаҳум дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«- баъд аз гузаштани санҷиши муайян ва бақайдгирии давлатӣ додани иҷозат барои воридоти маҳсулоте, ки дорои нумӯяҳои биологӣ, антибиотикҳо, маводи гормонии барои суръатбахшӣ ба нумӯ ва афзоиши маҳсулнокии ҳайвонот истифодашаванда буда, радиатсияи баланд дорад ва аз ҷиҳати ирсӣ дигаргун (модификатсия) карда шудааст;».

3. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 6 калимаи «сироятии» ба калимаи «сироятӣ» иваз карда шавад.

4. Ба сархати нӯҳуми қисми 2 моддаи 13 баъд аз калимаи «назорати» калимаи «шароити» илова карда шавад.

5. Дар моддаи 16:

- ба қисми 3 баъд аз калимаҳои «ҳудуди маъмурии дахлдор» калимаҳои «бо дарназардошти вазъи эпизоотии маҳал» илова карда шаванд;
- дар қисми 4 калимаҳои «ва шиносномаи» ба калимаҳои «ё шиносномаи» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 17:

- ба қисми 2 баъд аз калимаҳои «ворид карда шудааст,» калимаҳои «интихобан ҳангоми шубҳа пайдо кардан ба сифати он» илова карда шаванд;
- дар қисми 10 калимаҳои «ва шиносномаи» ба калимаҳои «ё шиносномаи» иваз карда шаванд.

7. Дар ном ва қисми 5 моддаи 25 калимаҳои «мошинҳо» ва «мошин» ба калимаи «нақлиёт» иваз карда шаванд.

8. Дар моддаи 26:

- ба ном ва қисми 1 баъд аз калимаҳои «тухми моҳӣ» калимаҳои «, ашёи хоми аз ҳайвонот гирифташуда ва маҳсулоти занбӯри асал» илова карда шаванд;
- дар қисми 3 калимаҳои «маҳсулоти моҳигӣ ва тухм» ба калимаҳои «маҳсулоти моҳигӣ, тухм ва маҳсулоти занбӯри асал» иваз карда шаванд.

9. Ба қисми 1 моддаи 27 баъд аз калимаи «байторӣ» калимаҳои «ва беҳдоштӣ» илова карда шаванд.

10. Дар қисми 3 моддаи 28 баъд аз калимаҳои «ворид карда шудааст,» калимаҳои «интихобан ҳангоми шубҳа пайдо кардан ба сифати он» илова карда шуда, калимаҳои «ё беҳдошти» ба калимаҳои «ва беҳдошти» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 29:

- ба қисми 3 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Инчунин аз микрочипҳо ва аломатгузорӣ дар гӯш истифода кардан мумкин аст.»;
- қисми 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«4. Тибқи талаботи байналмилалӣ барои ҳайвоноти бемаҳсул аз рӯзи зоидашавиашон дар давоми сӣ рӯз шиносномаи инфиродии алоҳидаи байторӣ тартиб дода мешавад, ки он бояд то рӯзи фавташон (забҳашон) нигоҳ дошта шуда, сипас аз рӯи тартиби муқарраргардида ба бойгонӣ супорида шавад.».

12. Дар моддаи 33 калимаҳои «сертификатсия кунонида шавад» ба калимаҳои «ба он сертификати мутобиқати маҳсулот дода шавад» иваз карда шаванд.

13. Ба қисми 2 моддаи 35 баъд аз калимаҳои «нишондодҳои эпизоотӣ» калимаҳои «ва бемориҳои дар рӯйхати Бюрои Байналмилалии Эпизоотӣ дохилбуда» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 854**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 31 майи соли 2012 №810**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №332**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68; мод. 69; №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149; мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675; мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456; мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346; №7, мод. 452; мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126; №7, мод. 399; №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3; №6, мод. 444; мод. 447; №10, мод. 803; №12, қ. 1, мод. 986; №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80; №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155; №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161; №7-8, мод. 605; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №808), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаҳои 135 ва 136 хориҷ карда шаванд.

2. Моддаи 156 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 156. Вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он**

1) Азхудкунии муаллифӣ (асардуздӣ), ҳамчунин ба ҳаммуаллифӣ маҷбур кардан, агар ин кирдорҳо ба муаллиф ё дигар соҳибҳуқуқ ба миқдори калон зарар расонида бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ё ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳамчунин ба даст овардан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё фиристодани нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограммаҳо бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон зарар расонида бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешаванд.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) бо расонидани зарар ба миқдори махсусан калон;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.

Эзоҳ: Дар моддаҳои 156 ва $156^{1}$ Кодекси мазкур таҳти мафҳуми зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо панҷсад маротиба зиёд мебошад ва зарар ба миқдори махсусан калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёд мебошад.».

3. Ба Кодекс моддаи $156^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $156^{1}$. Вайрон кардани ҳуқуқҳо ба ихтироот, намунаҳои саноатӣ ва моделҳои муфид**

1) Истифодаи ғайриқонунии ихтироот, намунаҳои саноатӣ ё моделҳои муфид, бидуни розигии муаллиф ё арзномадеҳ фош намудани моҳияти ихтироот, намунаи саноатӣ ё модели муфид то интишори расмии маълумот дар бораи онҳо, азхудкунии муаллифӣ ё ба ҳаммуаллифӣ маҷбур кардан, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон зарар расонида бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешаванд.

2) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.».

4. Моддаи 275 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 275. Истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ**

1) Истифодаи ғайриқонунии номи фирмавӣ, ҳамчунин номи маҳалли истеҳсоли мол, тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонии ғайр нисбат ба мол ва хизматрасонии шабеҳ, агар ин кирдорҳо такроран пас аз додани ҷазои маъмурӣ содир гардида ё ба миқдори калон зарар расонида бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешаванд.

2) Истифодаи ғайриқонунии тамғагузории огоҳкунанда нисбат ба номи маҳалли истеҳсоли мол ё тамғаи молие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст, агар ин кирдор такроран пас аз додани ҷазои маъмурӣ содир шуда ё ба миқдори калон зарар расонида бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 844**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИСТЕҲСОЛ ВА МУНОСИБАТИ ЭҲТИЁТКОРОНА БО ПЕСТИТСИДҲО ВА АГРОКИМИЁҲО»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш . ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 23 майи соли 2012 № 800**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 348**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2003 «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №4, мод. 131; с. 2007, №5, мод. 368) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми якуми моддаи 11 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«таъмини махфияти маводи ба экспертизаи экологӣ пешниҳодшаванда;».

2. Қисми чоруми моддаи 22 хориҷ карда шавад.

3. Ба боби IV моддаи $24^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Моддаи $24^1$. Ҳифзи махфияти иттилооти дорои маълумот оид ба пеститсидҳо ва агрокимиёҳо

Бо мақсади ҳифзи иттилооти махфии дорои маълумот оид ба пеститсидҳо ва агрокимиёҳо, дорандаи он ҳуқуқ дорад ҷиҳати ҳифзи иттилооти махфӣ, инчунин тартиби ба шахсони сеюм ошкор кардани он тадбирҳо андешад.

Махфияти иттилооти махфии дорои маълумот оид ба пеститсидҳо ва агрокимиёҳоро дорандаи он дар сурате муқаррар менамояд, ки иттилооти мазкур:

истифодааш маҳдуд ва маълум ба умум нест;

дорои арзиши тиҷоратӣ мебошад.

Низоми махфияти иттилоот мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сирри тиҷоратӣ муқаррар карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 873**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 6 июни соли 2012 №827**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №336**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №12, қ.1, мод. 989; мод.990; с. 2009, №5, мод.321; №9-10, мод.543; с. 2010, №1, мод.2; мод.5, №3, мод.153; №7, мод.547; №12, қ.1, мод.812; с. 2011, №6, мод.430; мод.431; №7-8, мод.610; №12, мод.838; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №806), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 3 моддаи 39 ва санксияи қисми 1 моддаи 340 калимаи «нисфи» ба калимаи «ҳаштяки» иваз карда шавад.

2. Дар моддаи 474:

- дар ном ва матни модда калимаи «ташкилотҳои» ба калимаи «иттиҳодияҳои» иваз карда шавад;
- дар сархати чоруми қисми 1 аломатҳои вергул ва дефис «, -» ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шаванд;
- ба қисми 1 сархати панҷум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- содир намудани кирдорҳое, ки аз доираи мақсад ва вазифаҳои дар оинномаи (низомномаи) иттиҳодияҳои динӣ муайяншуда барнамеоянд,-».

3. Ба Кодекс моддаҳои $474^2$, $474^3$ ва $474^4$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

**«Моддаи $474^2$. Риоя накардани тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар**

Барои риоя накардани тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, -

ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

**Моддаи $474^3$. Фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ**

Барои ба роҳ мондани фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, инчунин дар манзили истиқоматии шаҳрвандон, -

ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

**Моддаи $474^4$. Робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои динӣ**

1. Барои аз тарафи ҷамоаҳои динӣ муқаррар намудани робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла робитаҳои байналмилалии динӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ,-

ба роҳбарони ҷамоаҳои динӣ ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои аз тарафи ташкилотҳои динӣ бидуни мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба дин муқаррар намудани робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла робитаҳои байналмилалии динӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ, -

ба роҳбарони ташкилотҳои динӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

4. Дар моддаи 477:

- ба ном ва матни модда пас аз калимаи «фаъолияти» калимаҳои «иттиҳодияҳо ва» илова карда шаванд;
- дар қисми 1 калимаҳои «, инчунин фаъолияташон» ба калимаҳои «ё фаъолияташон» иваз карда шаванд;
- дар қисмҳои 2 ва 3 калимаҳои «, инчунин фаъолияташон боздошта ё» ба калимаҳои «ё фаъолияташон боздошта ва ё» иваз карда шаванд.

5. Дар ном ва қисми 2 моддаи 478 калимаҳои «ташкилотҳои динӣ» ба калимаҳои «озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» иваз карда шаванд.

6. Ба ном ва матни моддаи 625, ном ва қисми 1 моддаи 628 пас аз калимаи «талаботи» калимаҳои «регламентҳои техникӣ,» илова карда шаванд.

7. Дар моддаи 696 рақамҳои «474-481» ба рақамҳо ва калимаи «474 қисми 2, $474^1$, 475 - 481» иваз карда шаванд.

8. Қисми 2 моддаи 720 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - сарнозири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати стандартҳо, воситаҳои ченак ва қоидаҳои савдо, муовинони ӯ, директорони марказҳои вилоятӣ, сардорони раёсатҳо дар ВМКБ ва минтақаи Кӯлоб, директорони марказҳои минтақавии Агентии Тоҷикстандарт - сарнозирони вилоятию минтақавӣ оид ба назорати стандартҳо, воситаҳои ченак ва қоидаҳои савдо ҳуқуқ доранд.».

9. Ба Кодекс моддаи $728^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $728^1$. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин**

1. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин дар доираи салоҳияти худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои 474 қисми 1, $474^2$, $474^3$ ва $474^4$ Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамоянд.

2. Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин инҳо ҳуқуқ доранд:

- раиси Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 474 қисми 1, $474^2$, $474^3$, $474^4$ Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд;
- сардорони шӯъбаҳо оид ба корҳои дин дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва мудирони бахшҳо оид ба корҳои дин дар шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 474 қисми 1, $474^2$, $474^3$ Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 843**

# Душанбе, мо ба суроғи ҷавонӣ омадаем

●Шаҳдҳои Ваҳдати миллӣ

**Дӯстӣ ва хотираҳои айёми донишҷӯиашонро ёдовар шуда, мегуфтанд намояндагони манотиқи Суғду Бадахшон ва Рашту Хатлон зимни вохӯрӣ бо хатмкунандагони соли 1982-юми факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин**

### Вохӯрӣ баъди 30 сол

Вохӯрии навбатии хатмкунандагони соли 1982-юми факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон, (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) аз вохӯриҳои қаблии ба ифтихори 10, 15, 20 ва 25 - солагӣ бахшида, ба куллӣ фарқ дошт. Аслан фарқ дар он буд, ки дар макони вохӯрӣ, яъне дар пояи муҷассамаи устод Айнӣ, онҳое бесаброна чарх мезаданд, ки баъди 30 соли хатми университет бори нахуст ба дидорбинии ҳамсабақони хеш омада буданд. Қисмати зиёди мо, хатмкунандагон, бо иллати ҳамон кашмакашиҳои солҳои навадум, дар ду вохӯрӣ: 10 ва 15 - солагии вохӯрии ҳамсабақон иштирок карда натавонистем.



- Ба гумонам, шумо маро дуруст нашинохтед,- сӯямон маънидорона нигариста, бо нимтабассум овоз баровард марди тоқибасар.

- Бале, нашинохтам,- гуфтем ва ғайриихтиёр чанд қадам ҷониби ӯ гузошта, лаҳзае овоз ва симои ӯро бо ҳам муқоиса карда, сипас гуфтем:

- Шумо магар Набиҷон Нарзуллоеви истаравшанӣ нестед!

Сабаби нашинохтанамон дар вохӯриҳо ҳузур надоштани шумо аст,-ҳамсабақамонро баъди гузаштани 30 сол дигарбора ба бағал кашида… Ин дам медидем, ки яке ҷониби дигаре назар карда, ҷиддию шӯхиомез ба ин зайл мегуфтанд: ба ростӣ, ғайр аз ҳамин мӯи сар чеҳраи шумо ҳеҷ тағйир наёфтааст, не мӯи сарамро ранг кардагӣ нестам, ба ҳар ҳол каме тағйир ёфтаед, чашм нарасад, вай фалонӣ аз давраи донишҷӯиаш дида ҳоло хушрӯйтар шудааст…

Ба ростӣ, ин лаҳзаҳои ширин ва хеле гувороро дида, беихтиёр замони рангину нотакрори донишҷӯйӣ, чеҳраҳои шукуфону беожанг, қаду қомати ҷаззобу мӯйҳои мушкин ва ба ҳамин монанд дигар рафтору хислатҳои ҳамсабақонро пеши назар оварда, ба хотирамон ҳамон фармудаи Хаёми бузург расид,ки ба ин зайл гуфта буд:

*Афсӯс, ки номаи ҷавонӣ*
*тай шуд,*
*Он тозабаҳорӣ зиндагӣ*
*дай шуд.*

Акнун ин ҳамсабақҳои дар бахси умр саргарми моро фасли пурнишоти ҷавонӣ ноайён тарк кардаю фасли дигари умр- айёми миёнсолӣ кайҳо ба оғӯши хеш кашидааст.

### Дидори Душанбеву ҳамсабақон бозгашт ба ҷавонист

Зулфиддин Мӯъминҷонов ва Латиф Асоев, ки аз ҷумлаи масъулини омодасозии вохӯрии навбатии ҳамсабақон махсуб меёфтанд, муаллифони ин сатрҳо ва Сайфиддин Шайдоеви ишкошимиро назди микрофон даъват карда, гуфтанд:

-Ин сабтҳо танҳо ба хотири ёдоварии ҳамсабақонанд ва аз ин рӯ пурра имкон аст андешаҳои хешро озодона иброз намоед. Микрофонро ҷониби ман (Т. Ф.) наздик мекунад. Ман сухан оғоз мекунам:

- Айёми донишҷӯии мо ба замоне рост омад, ки Душанбе ҳам мисли мо хеле ҷавон буду чун ҳозира майли шукуфтан дошт. Биноҳои зиёди баландошёнаи истиқоматӣ, маъмурию маданӣ ва муҷассамаҳои бузургони миллат яке пайи дигаре қомат рост мекарданд. Агар ба хотиратон бошад, дар сохтмони ҳамин муҷассамаи устод Айнӣ, ки ҳоло дар пояи он қарор дорем, то бинои сирку худи донишгоҳ ба шанбегӣ баромада, ба сохтмончиён кӯмак мерасонидем. Ба андешаи ман, хотирмонтарин чизе, ки барои мо аз он айёми ширин ба мерос мондааст, ин худшиносии миллӣ, бедории миллат ва Ваҳдати мардуми маҳаллӣ буд.

Ба ёдам ҳаст, ки дар мавсими пахтачинии соли 1977 шабҳо бо ташаббуси Ҳомид Маликови масчоҳӣ гулхан меафрӯхтему Аюб Неъматови кӯлобӣ шеъри «Забони модарӣ»-и Бозор Собирро он қадар пурэҳсос замзама менамуд, ки вуҷуди ҳар кадоми моро ба ларза меовард. Ва ин гуна шеърҳоро Тавакал Файзуллоеви ёвонӣ, тавассути ҳунари сарояндагии худ ба гӯши иштирокдорони маъракаҳои пахтачинии толибилмони факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин мерасонд. Сад афсӯс, ки ин сенафарон аз ҷумлаи он рӯзноманигороне буданд, ки ҷони худро бо касофатии ҳамон ҷанги шаҳрвандӣ бармаҳал бохтанд.

- Ман ин андешаҳои ҳамсабақамро пурра ҷонибдорӣ мекунам,- навбати суханро гирифта мегӯяд Сайфиддин Шайдоев. - Бахусус дар масъалаи Ваҳдати миллӣ, ки алҳол ишора рафт, гуфтанӣ ҳастам, ки мо, тоҷикон, дар охири ҳамон солҳои ҳафтодум барои ба миён омадани андешаҳои худшиносӣ қадами ҷиддӣ гузошта будем. Замони наврасӣ дар Бадахшон мешунидам, ки дар Душанбе миёни ҷавонони минтақаҳо, бахусус Бадахшону Кӯлоб, сари ҳарвақт кашмокашӣ сар мезанад.Бо ҳамин фаҳмиш ба Душанбе омадам ва баъди ба донишгоҳ дохил шудан, сарфи назар аз ҷавонии хеш, баръало ҳис намудам, ки дар сар задани ин амалҳои номатлуб танҳо бадхоҳону манфиатҷӯёни миллат даст доранд. Шумо худ шоҳиди ҳол будед, ки мо панҷ соли давраи донишҷӯӣ, дар як кулба бо Охунбобои данғарагию Мусояби сариосёӣ иҷора менишастем. Он замон ягон хел мунокишаю нофаҳмиҳо миёни мо, ҷавонони маҳалҳо, ба миён наомад. Ба ростӣ, гоҳ-гоҳе он дӯстию рафоқати солҳои иҷоранишиниамонро бо ҳамсабақони номбурда ёд оварда, дилам гум мезанад.

Шунидам, ки баъди як соли хатми донишгоҳ, марги беамон даст ба гиребони Охунбобо зада, ҳама ормонҳои ӯро ба хок бурдааст. Ба ҳамин хотир гуфтаниам, ки ман 720 километр роҳро аз Ишкошим тай карда, ба Душанбе, барои ҷустани ҷавонии хеш омадаам.Табиист, ки дигар он ҷавониро ҳеҷ вақт намеёбам, вале нишонаҳои онро дар сурати шумо рафиқони ҳамсабақам ва Душанбеи азиз диданӣ омадаам. Акнун пас аз 30 сол дигарбора дидори шуморо мебинаму худро дар оғӯши ҳамон дунёи пурнишоти ҷавонӣ тасаввур мекунам.

Ҳамин зайл, бисёре аз ҳамсабақон назди микрофон рафта, андешаҳои хешро перомуни 30 соли умр ва хотираҳои замони донишҷӯӣ рӯйи фита оварданд. Инҳо: Раъно Ёрова, Файзалӣ Холов, Зоя Мулкамонова, Зулфиддин Мӯъминҷонов, Саврӣ Зикиллобекова, Ислом Холмуродов…

### Сайри Душанбе ва вохӯрӣ бо шаҳрдор

Ниҳоят, аз 90 нафар хатмкунандагон ҳамагӣ 34 нафар, ки аз ин 10 нафарашонро хонумҳо ташкил мекарданд, дар пояи муҷассамаи устод Айнӣ аз манотиқи Суғду Рашт, Хатлону Бадахшон ва Душанбеву Ҳисори шодмон ҷамъ омаданд ва маслиҳат намуданд, ки то ба атрофи дастурхони вохӯрӣ нишастан, аз майдони Дӯстӣ ва Боғи устод Рӯдакӣ лаҳзае дидан менамоянд. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Мебинем,ки бо шарофати Истиқлолияту Ваҳдат он боғу майдон ба тамом тағйири симо кардаанд. Баъди гирифтани расмҳои дастҷамъона дар назди муҷассамаҳои Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Қасри Миллат, Нишону Парчам ва дидани фавворахои дилхушкунандаи боғи марказӣ, нияти аз боғ берун шудан намудем, ки ғайричашмдошт пешорӯямон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов баромаданд. Ин дам ҳамсабақамон - муаллимаи яке аз мактабҳои пойтахт Гулшан Шарифова лаҳзае бо шаҳрдор ҳамсӯҳбат шуда, арз намуданд, ки ин гурӯҳи хатмкунандагонеанд, ки баъди 30 сол бо ҳам омада, маркази Душанбеи навинро тамошо мекунанд.

Дар ин миён мо ва ҳамсабақамон Замира Ҷумъаева ва дигарон аз Маҳмадсаид Убайдуллоев хоҳиш кардем, ки барои хотира расм гиранд. Ваҷоҳати шаҳрдорро хушҳолӣ фаро гирифт ва ин амали ҳамсабақонро пазируфта, Сарвазир Оқил Ғайбуллоевичро даъват намуд, ки барои хотира расми дастҷамъона гиранд. Зимни суратгирӣ Маҳмадсаид Убайдуллоевич огаҳӣ ёфтанд, ки қисмате аз хатмкунандагон пешаи рӯзноманигорӣ доранд ва аз ин хотир таъкидкунон гуфтанд:

-Ҳақиқатро дидед ва аз ин рӯ аз шумо хоҳиш мекунам, ки ҳама вақт танҳо ҳақиқатро нависед. Бигузор қаламатон доимо тез ва бурро бошад!

Ҳама барои хотира бо Маҳмадсаид Убайдуллоев ва Оқил Оқилов расм гирифтанд ва хеле шоду сарбаланд шуда, ба ин ходимони машҳури сиёсӣ ва давлатӣ изҳори сипос намуданд.

Ин расм дар албоми «Вохӯрӣ баъд аз 30 сол» ҷо гирифта, яке аз қиматтарин расми хотира ба ҳисоб меравад.

### Ҳамсабақӣ аз ҳамтабақӣ беҳтар аст

Ҳамсабақони пазмони дидор пушти мизи тарабхона нишаста, пурсупоси зиндагии ҳамдигариро идома медиҳанд. Дар ин қисмати вохӯрӣ ба онҳо устодонашон - докторҳои илми филология Баҳриддин Камолиддинов, Абдусаттор Нуралиев ва Иброҳим Усмонов ҳамроҳ мешаванду шогирдони собиқ ва акнун бисёр пастию баландиҳои зиндагӣ дидаи хешро ба хотири ин вохӯрӣ сипосу шодбош мегӯянд. Устод Камолиддинов зикр намуданд, ки баъди гузашти ин миқдор сол ҳар шогирдро дар алоҳидагӣ хубу дуруст шинохтан аз имкон берун аст. Устод дар ин маврид ҳақ ҳастанд. Агар тӯли 30 сол ба ҳисоби миёна, соле факултетро 80-90 нафар хатм карда бошанд, пас миқдори умумии он ба 2400-2700 нафар мерасад ва ҳеҷ кас қудрати дар хотир нигоҳ доштани ин миқдор шогирдро нахоҳад дошт. Ҳол он ки мо, худ ҳамсабақон, тавре дар мисоли муаллифони мақолаи мазкур ишора намудем, ҳатто чеҳраҳои якдигарро фаромӯш кардаем.

Мебинем, ки касе ба табақҳои пур аз анвои хӯрдании наздашон таваҷҷуҳе накарда, бо ҳамон як самимияти хос бо ҳам сӯҳбат мекарданд. Воқеан ҳам онҳо ташнаи дидори ҳамдигар буданд.

Дидани ин манзара, ба хотирамон як таъкиди маънидоронаи чанд сол пеши шоир Собир Султонро овард, ки баъди дидорбинии навбатӣ аз Шаҳобуддини Ҳақназар, Рустамбеки Назрӣ, Файзалӣ Холов ва дигарон дар Хонаи Радио гуфта буданд:

-Писарам, замона тақозо мекунад, ки ё ҳамтабақ бошӣ ва ё ҳамсабақ.

Ва гумон мекунам, ки барои мардуми фарҳангию аҳли фаҳм, аз мартабаи ҳамтабақӣ дида, мартабаи ҳамсабақӣ дар ҳама шакли ҷомеа болотару азизтар меистад.

Дар ин миён ровии вохӯрӣ Раъно Ёрова ба ихтиёри иштирокдорон микрофонро дода, хоҳиш мекунад, ки аз хусуси зиндагии имрӯзаи хеш ва ё худ аз хотироти замони донишҷӯӣ, гуфтаниҳое барои ҳамсабақон арз намоянд. Ҳамин тавр ҳам мешавад. Онҳое, ки бори нахуст дар вохӯрии ҳамсабақони хеш иштирок мекарданд, аз он изҳори таассуф менамуданд, ки ин гуна дидорбинӣ хеле ба дермонӣ, яъне пас аз 30 сол муяссарашон шудааст.

Овозхони писандидаи мардум Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Лола Азизова бо таронаҳои ҷаззобу дилошӯбаш вохӯрии ҳамсабақони ҳамсари худ Шаҳобуддини Ҳақназарро рангу шукӯҳи дигар медиҳад.

Ин лаҳзаҳо мебинем, ки дар канори дигари толори тарабхона, гурӯҳе иборат аз 18-20 нафар мардону занҳои нисбат ба мо ҷавонтар қарор гирифта, мисли мо машғули сӯҳбати гарм мешаванд. Таваҷҷуҳи хосаву нигоҳҳои маънидоронаи онҳо ҷониби мо, ҳамсабақон моро ба тааҷҷубу андеша овард ва ба ин хотир аз як тан аз масъулони вохӯрӣ сабаби ҳолро ҷӯё мешавем.

-Инҳо низ хатмкунандагони факултети худамон ҳастанд ва 20-солагии хатми донишгоҳро таҷлил мекунанд,- дар посух мешунавем аз Варқа Охонниёзов, ки чанде пеш рисолаи номзадиро дифоъ карда буд.

Дигарбора ба толор менигарем ва мебинем, ки дилхушии ҳамсабақон зери таронаҳои Лола Азизова бо ҳамон ҷаззобияти қаблӣ идома дорад. Пешорӯи нишастагон расми умумии (винеткаи) соли хатмро, ки тавассути технологияи компютерӣ бузург карда шудааст, овезон мебинем. Дида ба расми онҳое медӯзем, ки кайҳо тарки дунё кардаанд.

…Вохӯрӣ хеле таъсирбахшу ибратомӯз сурату анҷом гирифт.Шояд ҳамин сифати вохӯрӣ буд, ки профессор Иброҳим Усмонов ба даст микрофон гирифта, андешаҳои худро тавассути сози мусиқӣ, суруди машҳури «Шаҳри азизам» манзури шогирдони худ намуд.

### Чанд андеша ба ҷойи хулоса

Солҳои охир сари ҳар қадам аз забони хурду бузург мешунавем, ки миёни мардум, бахусус хешу пайвандон, ёру дӯстон, ҳамкорону ҳамсабақони собиқ меҳру муҳаббат ва риштаҳои дӯстӣ хеле костаю заиф гаштааст.Бисёриҳо ин иллатро дар муносибатҳои нави иқтисодии ҷомеа ҷӯё мешаванд.Шахсан худам (Т.Ф.) вобаста ба имкон, сари ҳар вақт ба айёдати наздикону пайвандон ба деҳа меояму аз падари мӯйсафеди худ як эродро ба такрор мешунавам:

-Писарам, вақтҳои охир хеле кам хабар мегирӣ. Фаромӯш насоз, ки падардорию писардорӣ ғанимат аст…

Садоқат ба пайвандону наздикон ва ёру дӯстон дар навбати аввал нишонаи муҳаббат ба Ватан аст. Афроде, ки аз ин гуна сифатҳо дуру орӣ шудаанд, ба гумон аст, ки аз чунин гурӯҳ ашхос Ватандӯсту Ватанпарастро интизор шавем. Мегӯянд, ки меҳр на дар дил, балки дар чашм аст. Воқеан ҳам ин хулоса дуруст аст. Наздиктарин шахси аз диду назар ва муошират дур монда, баъди гузашти вақт бемеҳру бегона мешавад.

Қадрдонию қадршиносиро мо бояд аз онҳое омӯзем, ки акнун умрашон ба офтоби сари кӯҳ монанд шудаасту шумораашон хеле ночиз боқӣ мондааст.

Ваҳдат ин мафҳуми ягонагию ба ҳам омадану муттаҳид шудан аст. Пас метавон гуфт, ки ташаккули ин мафҳум дар шакли баргузории вохӯрию ҷамъомадҳо бо намояндагони минтақаҳои гуногуни кишвар, ба сифати ҳамкорон, ҳамкасбон, ҳамсабақон ва боз ба ҳамин монанд ҳамҳои дигар, метавон гуфт, ки бидуни баҳс, пояи ин мафҳуми муқаддас- Ваҳдатро аз пештара дида бештар қавию устувортар мекунад.

***Тиллои НЕКҚАДАМ,***
***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ,***
***«Садои мардум»***

**ДАР СУРАТ:** *Расми хотиравӣ бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов*

# Вижаномаи Низомии Ганҷавӣ

Шумораи нави маҷаллаи «Адаб» - нашрияи ташкилоти ҷамъиятии «Маркази омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри адабиёти ҷаҳон» пурра ба ҳаёт ва эҷодиёти шоири бузурги Машриқзамин Низомии Ганҷавӣ бахшида шудааст. Вижанома, ки ба муносибати 870-умин солгарди умри ин суханвар пешниҳоди хонандагон шудааст, бо мақолаи муқаддимавии сардабири маҷалла, номзади илми филология Шодӣ Шокирзода «Ҷодусухани ҷаҳон Низомӣ» оғоз меёбад.

Дар бахши «Устоди сухангӯёни даҳр» мақолаҳои устодон Мирзо Турсунзода -«Шоири бузурги Озарбойҷон Низомии Ганҷавӣ», Шиблии Нӯъмонӣ (Ҳиндустон) - «Дар шеъру шоирии Низомӣ», Абдулҳусайни Зарринкӯб (Эрон) -«Низомӣ - достонсарои Ганҷа», И.С.Брагинский (Россия) -«Нақши Низомӣ дар такомули назми форсу тоҷик», дар бахши «Ҳалқаи пайванд» нигоштаҳои муҳаққиқони варзида Валӣ Самад -«Рӯҳпайванди Рӯдакӣ ва Низомӣ», Олимҷон Хоҷамуродов «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ дар ташаккули маҳорати эҷодии Мирзо Турсунзода» ба зевари табъ ороста шудаанд.

Бахши «Хуршеди нуроникиёс»-ро пажӯҳиши донишмандон Шодимуҳаммад Сӯфиев -«Низомӣ ва суннати соқиномасароӣ», Шарифмуроди Исрофилниё -«Тасвири май дар осори Низомӣ», қисмати «Рӯшиноси Машриқу Мағриб»-ро таълифоти профессор Мубориз Ализода (Озарбойҷон)- «Оё Ширин арманӣ буд?», Абдурашид Самадов - «Аввалин мутарҷим ва пайрави осори Низомӣ дар Россия», Шодӣ Шокирзода -«Ҳузури Низомӣ дар Девони ғарбӣ-шарқӣ»-и Гёте», Маҳмуди Ҳаддодӣ (Эрон)- «Хешовандии мавзӯӣ дар афсонаҳои «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ва қиссаҳои Людвиг Тик» ва ниҳоят бахши «Ҳакими нағзгуфтор»-ро мақолаҳои Сайидмуҳаммади Мубаййин (Эрон) - «Суханони орифона ва насоеҳи ҳакимонаи Низомии Ганҷавӣ», Шамсиддин Муҳаммадиев -«Моҳияти сухан аз назари Низомӣ», Маҳмудризо Ҳасаннажод (Эрон) -«Фармонравои мулки сухан» оро медиҳанд.

Ҳамчунин дар ин шумораи маҷалла намунаи осори Низомӣ ва насиҳатҳои ӯ ба фарзандаш Муҳаммад, зикри Низомии Ганҷавӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ», «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Лубоб-ул-албоб»-и Авфии Бухороӣ гулчин гардидаанд.

«Вижаномаи Ҳаким Низомии Ганҷавӣ» бахшида ба 75-умин солгарди донишманди бахши робитаҳои адабӣ ва яке аз бунёдгузорони мактаби омӯзиши пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику озарӣ, узви ифтихории Иттифоқи нависандагони Озарбойҷон, олими маъруфи тоҷик Валӣ Самад мақолаҳои Нурбахши Ҷаҳонгир - «Гавҳарнигор, гавҳарнажод, гавҳарниҳод» ва Раҷаб Амонов -«Соҳиби диди расо»-ро низ ба табъ расондааст.

***Т.ФАРРУХПАЙ***
***«Садои мардум»***

• Роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012

# Паҳлавон аз Ёқутистон – қаҳрамони Тоҷикистон

Ҳунармандро дар ҳама ҷо арҷманд медонанд. Беҳунар дар хонаву диёри худ ҳам қадре надорад ва ин беҳтарин сабақу ибратест барои ҷавонон. Ба қавли Ҳофизи бузург «Хуб аст гар одам ҳунаре дошта бошад». Ҳамин ҳунару муҳаббат ба гӯштӣ Николай Ноевро аъзои дастаи мунтахаби Тоҷикистон гардонд. Кишвари Саха – Якутияи Федератсияи Россия ҳам сарзамини паҳлавонхез аст.

Николай аз хурдсолӣ ба гӯштии тарзи озод ва юнонӣ - румӣ, ки ба гӯштии миллии тоҷикӣ наздикии зиёд дорад, рағбат пайдо намуд. Аслан, мо паҳлавононро бо пайкари таҳамтан тасаввур менамоем, ки чандон ба ҳақиқат рост намеояд. Кам нестанд ҷисман паҳлавонпайкарҳое, ки ба ибораи мардумӣ аз дасташон коре намеояд ва ба корҳое даст мезананд, ки ба ҷавонмардон зебанда нест. Аз ҳамин ҷо, баъзан мардум бо нафрат ба чунин мулоимхунукҳо «ҳайфи ҳамин тану тӯшу дасту бозу» мегӯянд.

Дар гӯштӣ, бар замми дасту бозуи боқувват доштан, чолок, ҳушёр, ҳушманд будан низ арзиш дорад. Паҳлавон бояд қабл аз ҳама бо дилу гурда ва рӯҳан нотарсу шикастнопазир бошад. Дар баробари дасту пой, майна ҳам бояд кор кунад. Иродаи қавӣ дошта, ба нафси худ ғолиб бошад. Бе гузаштан аз баҳри бисёр дилхушиҳою шуғлҳои зарарнок, ки одатан дар мардон бештар ба мушоҳида мерасад, паҳлавоне ба қуллаи мурод намерасад.

Хушбахтона, Николай барвақт роҳашро интихоб карда буд. Аз овони мактабхонӣ сар карда, дар маҳфилҳои варзишӣ ба омӯзишу машқ дода шуд, чунки «Бе азми дурусту саъйи комил, касро нашавад мурод ҳосил» гуфтаанд.

Заҳматҳояш барабас нарафтанд. Дар диёраш чун гӯштигир ном баровард



роварду соҳибэҳтиром гардид. Ифтихори наздикону ҳамдиёронро нисбаташ дида, рӯҳу илҳоми тоза мегирифт ва боз ҳам дучанд ба тамрину омӯзиш дода мешуд. Ин паҳлавон, ки 24 феврали соли 1988 ба дунё омадааст, ҳоло дар вазни 55 кило ба гӯштигирӣ машғул аст. Қаҳрамони Тоҷикистон дар ин риштаи варзиш маҳсуб меёбад. Бо хоҳиши дил тасмим гирифт дар мусобиқоти Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон – 2012 дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон баромад намояд. Ҳамаи санҷишҳоро гузашт ва арзанда будани худро собит сохт. Ҳамчунин аз рӯйи қоида шаҳрвандии Тоҷикистонро қабул намуд. Ин маънои онро дорад, ки ӯ ва ӯ баринҳо барои Тоҷикистон дигар бегона нестанд. Чун дигар шаҳрвандон, ҳамаи масъулияти шаҳрвандии ин мамлакатро ба зимма доранд ва аз ҳама имтиёзу ҳуқуқҳои он баробари дигарон баҳрамананд.

Николай роҳхати Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон – 2012- ро дар мусобиқаи дуюми квалификатсионии ҷаҳонӣ, дар шаҳри Вантаааи Финляндия ба даст овард. Ӯ ҳамроҳи ҳамдиёрони худ - Юсуф Абдусаломов ва Залимхон Юсуфов маҳорати баланд нишон дода, паҳлавони фаронсавӣ Шокир Ансорӣ, испанӣ Парра Санчеза ва туркман Рамил Реҷеброшикаст дод. Мутаассифона, дар муқобили паҳлавони муғул Наранбаатор Баяре истодагарӣ карда натавонист ва бо гирифтани ҷойи дуюм соҳиби медали нуқра ва роҳхат ба олимпиада гардид.

Николай дар мусобиқаи байналмилалии гӯштии тарзи озод ва юнонию румӣ дар шаҳри София ба медали биринҷии мусобиқа аз байни зиёда аз 100 нафар довталаб ноил омада, дар мусобиқаи байналмилалӣ дар Кореяи Ҷанубӣ ( 16 – 19 феврали соли равон) дар вазни 60 кило танҳо дар даври ниҳоӣ ба ноковӣ дучор гардид. Имкониятҳои Николай хеле хубанд ва худи ӯ ҳам бо дили пур, боварӣ ва умед ба майдон мебарояд ва боварӣ ҳаст, ки бо ғалаба ба Тоҷикистон бармегардад.

***Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»***

# Ҷаҳонпаҳлавон аз Хуҷанд



Ҳанӯз айёми кӯдакӣ Ҷаҳони хурдакак миёни ҳамсолон бо паҳлавонии падараш Саид Қурбонов мефахрид. Баъзан ҳангоми ҳунарнамоӣ бо ҳарифи падараш дар дил бо ӯ зӯрӣ мекард.

Падар ҳангоми танаффус ба тарафи писараш нигоҳ карда, гӯё вуҷуди ӯро механд. Табассуме ба сӯйи писараш карда, бо ин гуфтанӣ буд, ки Ҷаҳони ман, инро варзиш мегӯянд ва он ба худ қоидаҳои хос дорад. Агар аз он берун бароӣ, на мухлис ва на ҳариф бар ту эътимод мекунад.

Ҷаҳон Қурбонов 2 декабри соли 1986 дар шаҳри Хуҷанд, дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Аз синни хурдӣ муштзаниро дар назди падари бузургвораш омӯхта, барои идомаи таҳсил ба мактаби махсуси варзишии шаҳри Хуҷанд омад. Баъди хатми мактаб соли 2003 ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ба факултети тарбияи ҷисмонӣ супорида, соли 2007-ум онро хатм намуд.

Машқҳои пайваста ва меҳри беандозаи варзиш ӯро ба майдон овард. Акнун вай дар майдон бо ҳариф қувваозмоӣ мекард ва маънии табассуми падарашро дар хурдӣ мефаҳмид.

Ҷаҳон Қурбонов бинобар таҷрибаи кофии варзишӣ дар дили мураббиҳои худ тез ҷой гирифт. Ӯ ҳанӯз аз ибтидои соли 1998 дар мусобиқаҳо миёни наврасон иштирок карда, соҳиби ҷойҳои намоён мешуд.

Ҷаҳон Қурбонов соли 2005 чемпиони Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Худи ҳамон сол дар чемпионати Осиё, ки дар Муғулистон доир шуд, бомуваффақият баромад намуд. Соли 2006 дар чемпионати Осиё (Қатар) дар вазни 81 кг баромад карда, дар бозии ниҳоӣ ҳарифашро аз Ҷумҳурии Қазоқистон мағлуб намуд ва ҷойи якумро соҳиб шуд.

Муваффақиятҳои паиҳами Ҷаҳон Қурбонов боис шуда, ки ӯ дар Бозиҳои XXIX тобистонаи олимпӣ соли 2008 дар Пекин иштирок карда, ҷойи панҷумро гирифт. Ӯ дар олимпиада ҳарифаш - варзишгар аз Хорватияро мағлуб намуда, ба чемпиони ҷаҳон оид ба бокс Аббос Атоев аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон дастболо шуда, дар даври минбаъда аз варзишгари қазоқ мағлуб шуд.

Соли 2009 дар шаҳри Москва дар мусобиқа барои Ҷоми Ҷаҳон ширкат намуда, Ҷаҳон Қурбонов соҳиби ҷойи сеюм гардид.

Ҷаҳонпаҳлавон роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпӣ дар мусобиқаи байналмилалӣ, ки дар шаҳри Остонаи ҷумҳурии Қазоқистон доир шуд, дарёфт намуд. Ӯ дар вазни 81 кг баромад карда, ба гирифтани ҷойи дуюм мушарраф гардид.

Айни замон Ҷаҳон Қурбонов дар шаҳри Хуҷанд ба Бозиҳои тобистонаи олимпии Лондон-2012 олимпиадаи омодагӣ мебинад ва рӯзҳои наздик озими шаҳри Лондон мешавад.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

# Муаррифии таълифоти тиббӣ дар Китобхонаи миллӣ

Ба муаррифии адабиёти тиббӣ ва таълифоти олимон ва устодони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ки дар Китобхонаи миллии ҷумҳурӣ баргузор гардид, роҳбарони як қатор муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, профессорон ва устодони Донишгоҳи тиббӣ, ки дар таълифи адабиёти тиббии зиёд саҳми бевосита доранд, инчунин намояндагони як қатор муассисаҳои тиббиву табобатии пойтахти мамлакат даъватӣ буданд.

Ҳамоиши илмиву фарҳангиро узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори донишгоҳ, профессор Убайдулло Қурбонов ифтитоҳ намуда, аз ҷумла зикр кард, ки таърихи миллати куҳанбунёди мо худ китоби бузургеро мемонад, ки ҳар саҳифаи он аз анъанаву маросим, урфу одат ва суннату ифтихороти зиёд маънӣ гирифта, тӯли қарнҳо саргузашти ин мардуми соҳибтамаддунро ба сад рангу маънӣ пеши назари оламиён ҷило медиҳад. Яке аз анъанаҳои нодире, ки тоҷикон дар масири таърих онро ҳамеша баҳогузорӣ намуда, то имрӯз дар қалбу ҷони хеш парварида омадаанд, ин эҳтиромоти махсус ба китоб ва китобдорӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар арафаи иди Наврӯзи имсола кушодашавии Китобхонаи миллии мамлакатро, ки дар Осиёи Марказӣ назир надорад, метавон далели сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти олии мамлакат ва воқеаи муҳимтарини таърихи навини тоҷикон номид.

Ин воқеаи муҳимро аҳли устодону донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, дар қатори дигар фарҳангиёни мамлакат, бо хушнудии зиёд пазируфтанд.

Убайдулло Қурбонов ҳамчунин афзуд, ки бо кушодашавии Китобхонаи миллӣ масъалаи бою ғанӣ гардонидани ин даргоҳи муқаддаси маърифат дар донишгоҳи мо ба маъракаи муҳими илмиву фарҳангӣ табдил ёфт. Садҳо нафар устодону донишҷӯёни таълимгоҳ бо амри виҷдон ба ин маърака ҳамроҳ шуда, дар маҷмӯъ 19500 нусха китоб, ки арзишаш 390 000 сомониро ташкил медиҳад, ба хазинаи Китобхонаи миллӣ тӯҳфа намуданд. Мо имрӯз ҳам кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки беҳтарин дастовардҳои илмиву таълимии устодон ва олимони донишгоҳро дар Китобхонаи миллӣ ба намоиш гузорем.

Давоми шаш соли охир дар Донишгоҳи тиббӣ бо мақсади амалӣ намудани Барномаи рушди донишгоҳ барои солҳои 2006-2015 корҳои зиёд ба анҷом марҳилаи якуми татбиқи барнома бомуваффақият ҷамъбаст гардид.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки барои пешбурди фаъолияти босуботи макотиби олӣ хизмат менамояд, ин захираи маводи таълимӣ ва ғанӣ гардонидани фонди китобхона мебошад. Фонди умумии китобхонаи донишгоҳ ҳоло 668284 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад, ки 521997 нусхаи он адабиёти таълимӣ, илмӣ, бадеӣ ва 143000 адад захираҳои электронӣ мебошанд.

Тибқи нишондоди таҳлилӣ, агар тӯли солҳои 2000-2005 ба китобхона 14880 нусха китоб ба маблағи умумии 122 ҳазор сомонӣ ворид шуда бошад, пас аз соли 2006 то моҳи июни соли ҷорӣ ба китобхона ба маблағи 2 818830 сомонӣ 111760 ҳазор нусха китоб ворид шудааст. Таъминоти китобхонаи донишгоҳ бо адабиёти таълимӣ ба забони давлатӣ 100 фоиз ва бо забони русӣ 199 фоизро ташкил медиҳад, ки маҷмӯан ин нишондиҳанда дар донишгоҳ аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда ба 150 фоиз баробар мебошад.

Бо иқдоми раёсати донишгоҳ дар ин давра китобхонаи электронӣ таъсис ёфт ва то имрӯз ба фонди он зиёда аз 1000 адад CD ворид шуда, захираи Китобхонаи электронӣ зиёда аз 142700 номгӯй адабиёти илмӣ ва таълимиро ташкил медиҳад, ки зиёда аз 32000 номгӯяш китоби электронии тиббӣ мебошад.

Дар анҷоми андешаронииаш Убайдулло Қурбонов гуфт, ки ҳамоиши имрӯзаи мо бо мақсади татбиқи нуктаҳои Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ роҳандозӣ гардида, ҳадаф аз он ҳамроҳ гаштан ба маъракаи ҷамъоварӣ, ҳифзи китобу дастхатҳои нодир ва дар ин замина зиёд намудани сафи дӯстдорони китоб ва муштариёни Китобхонаи миллӣ мебошад. Дар ҳамоиш муаллифони якчанд китобҳои пурарзиши илмӣ -профессорон А. Қаххоров, М. Додхоева, У. Сироҷиддинова, Ю. Нуралиев, А. Сабурова, Х. Шарифова, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон Ғ. Меъроҷов, ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур профессор И. Сатторӣ суханронӣ карда, ташкилу баргузории чунин чорабиниҳоро аз омилҳои асосии рушди фарҳангии ҷомеа ва беҳтар гаштани сатҳу сифати таълифоти илмиву таълимӣ арзёбӣ карданд.

Директори Китобхонаи миллии ҷумҳурӣ, академик Носирҷон Салимов ба роҳбарияти Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои рушди ҳамкорӣ ва чунин иқдоми шоиста арзи сипос намуд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Пойгоҳи обкашӣ азнавсозӣ шуд

Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар деҳоти Саричашмаи ноҳияи Шӯрообод пойгоҳи барқии обкашӣ навсозӣ гардид. Аз ин пас пойгоҳи мазкур беш аз панҷ ҳазор сокинони деҳаҳои атрофро бо оби ошомиданӣ таъмин менамояд. Ин иншооти муҳимро, ки ҳаҷми обнигоҳдориаш 180 метри мураббаъ мебошад, коргарони Муассисаи сохтмонии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонии шаҳри Кӯлоб тӯли шаш моҳ бунёд намуданд.

## Озмоишгоҳи нави биологӣ бунёд гардид

Дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар деҳоти Гулшани ноҳияи Фархор бо харҷи як миллиону 200 ҳазор сомонӣ аз ҷониби Ширкати сохтмонии ҶДММ «Яхё» озмоишгоҳи биологӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуд. Айни ҳол дар озмоишгоҳ даҳ нафар мутахассисон ба кор ҷалб карда шудаанд. Дар сурати пурра ба фаъолият пардохтани он, боз имкон фароҳам меояд, ки 20 нафар мутахассисони дигар низ ба кор сафарбар шаванд.

Масъулини соҳа зимни ба фаъолият шурӯъ намудани озмоишгоҳ зикр намуданд, ки тавассути ҳашароти дар озмоишгоҳ истеҳсолшуда ба муқобили ҳашароти зараррасон мубориза бурдан барои кишоварзон нисбат ба истифодаи заҳрхимикатҳо аз чор то панҷ баробар қулай ва арзон меафтад. Маҳсулоти истеҳсолшуда аз ҷиҳати экологӣ тозаву безарар мебошад.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***





**ПРОСТАДОНТ таъсирнокиашро вақт исбот кардааст**




11 унсури шифобахши табиии он таъсири зиддиилтиҳобӣ ва антисептикии барҷало доранд.

**Простатит бемории паҳншудае аст, ки мардони аз 25-сола болоро ташвиш медиҳад. Ширкати илмӣ-таҳқиқотии россиягии «Биолит» фитопрепарати навтаринро бо номи «Простадонт» коркард намуд, ки** дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:

- простатитҳои шадид ва бардавом;
- гипертрофия ва аденомаи ғадуди простата;
- атонияи ғадуди простата дар пасманзари простатити бардавом;
- бемориҳои гурдаҳо ва пешобдон;
- майли ҷинсиро зиёд, боҳро беҳ ва нутфарезии бармаҳалро хеле камтар мекунад;
- диурезро афзоиш медиҳад, тамоми ҷисмро боқувват месозад.

**Простадонт: давои табиии нотакрор бар зидди аденома ва простатити шадид.**

**Истеъмол:** 30 рӯз 1-қошуқчагӣ, 4 бор дар як рӯз бо 100 мл. оби ширгарм,30 дақиқа пеш аз таом

Шакли истеҳсол: 90 г. дурдоначаҳо дар қуттичаи пластикӣ. Нархаш 35-42 сомонӣ.

Рақами қайд 001556. **Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

**Аз дорухонаҳо дастрас намоед. Телефон барои маълумот: ш. Душанбе 985-10-55-05**

**МАРДРО МАРД МЕКУНАД «ПОЛИКАВИН»**




Ҳафт сол бо ҳамсари аввалам зиста, фарзанд наёфтем. Ба назди табибу духтурҳои зиёд рафтем. Ҳама мегуфтанд: «Фарзанддор мешавед». Вале рӯзҳо мегузаштанду доруву дармон нафъе намебахшид. Оқибат ҳамсарам сари маро паст карда, ба хонаи волидонаш баргашт...

Се сол танҳо гашта, худро табобат намудам. Ба тӯю маъракаҳои ёру дӯстон ҳам рафта наметавонистам. Шарм медоштам. Баъд аз се сол бо духтаре издивоҷ кардам. Вале боз моҳҳо мегузаштанду аз фарзанддоршавиамон нишоне набуд. Боз духтур, боз дорухӯрӣ!

Рӯзе бо яке аз ҳамсинфонам рӯ ба рӯ шудам. Ӯ аз зиндагиам хабар дошт. Чанд рӯз пештар аз Маскав омада будааст. Маро сахт оғӯш карду ба ҷону ҳолам нагузошта, ҷониби хонааш кашид. Баъд аз зиёфат 9 қуттӣ «ПОЛИКАВИН» ном доруро наздам гузошта гуфт: - Ҷӯраҷон, ин доруро махсус барои ту овардам. Бисанҷ!

Ман тӯли се моҳ аз ин дору истеъмол кардам...Ва ХУШБАХТӢ!!! Туф-туф, чашм нарасад! Ҳоло аз ману ҳамсарам хушбахттар касе нест. Мо интизори фарзанд ҳастем. Дар эълоне хондам: «Мардро мард мекунад «ПОЛИКАВИН»». Ин рост аст. «ПОЛИКАВИН» сари маро баланд кард.

***Истеҳсолкунанда- РОССИЯ.***

**Телефонҳо барои маълумот: 985-10-55-05.**

**Вилояти Суғд ва ноҳияҳои он – 98-533-33-17.**

***«ШИРЛАЙН» дар бист рӯз хароб мешавем!***




**Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.**

«Ширлайн»-ро замони гирифторӣ ба бемориҳои бехобӣ, асабоният, бавосир (геморрой) ва кори сусти узвҳои ҳозима истеъмол намудан манфиати зиёд дорад.

Ҳангоми гастрити бардавом, бемории захми меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта(як қошуқчаашро дар 150 г об ҳал карда, рӯзе се бор истеъмол кунед).

Тахти пӯст ва рӯйро ҳамвор ва зебо мекунад. «Ширлайн» ҳамчунин воситаи беҳамто барои тоза намудани организм ва мулоим кардани он ва раҳоӣ аз вазни зиёдатист.

**ИСТЕЪМОЛИ БЕ ТАНАФФУСИ ОН ДАР ДАВОМИ БИСТ РӮЗ ШУМОРО АЗ ПАНҶ КИЛО ВАЗНИ ЗИЁДАТӢ РАҲОӢ МЕБАХШАД.**

(2 қошуқча дар 200 мл об омехта намуда, дар як рӯз як бор саҳарӣ бо дили гурусна нӯшед).

Организми инсонро одат намекунонад ва ба ҳоли пештараи фарбеҳшавӣ бар намегардонад.

Истеъмоли он такроран мумкин аст. Пуртаъсир ва тамоман безарар аст.

**Маҳсулот дорои сертификат мебошад. Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

**Истеҳсолкунанда: Россия. Аз дорухонаҳо пурсон шавед. Нархаш 36-45 сомонӣ**


## ЭЪЛОН

***Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**Мактаб – интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ**

**Барои соли хониши 2012-2013 қабули хонандагонро ба шӯъбаҳои зерин эълон менамояд:**

1. Шӯъбаи фортепиано
2. Шӯъбаи созҳои торӣ (скрипка, виолончел)
3. Шӯъбаи созҳои миллӣ (рубоб, дутор, ғижжак, чанг, най)
4. Шӯъбаи созҳои нафасӣ (кларнет, флейта, труба).

Ба мактаб кӯдакони синни ҳафтсола қабул карда мешаванд.

Қабули ҳуҷҷатҳо аз 2 июл то 1 августи соли 2012.

Қабули имтиҳонҳо аз 1 то 15 августи соли 2012.

Таҳсил дар мактаб ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ.

**СУРОҒА:** шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 54[а], назди Кохи «Тоҷикистон».

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

**Даъватномаи иштирок дар озмуни харид**

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Таъмири роҳи мошингарди кӯчаи Ватан | тибқи санади нуқсонӣ | 27.07.2012 соати $10^{00}$ |
| 2 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Таъмири кӯчаҳои Туғрал ва Хуросон | тибқи санади нуқсонӣ | 27.07.2012 соати $10^{30}$ |
| 3 | Гимназияи ба номи А. Балъамии шаҳри Ваҳдат | Харидории таҷҳизоти мактабӣ | тибқи дархост | 27.07.2012 соати $11^{00}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Корхонаи муштараки Швейтсария – Тоҷикистон «Маркази табобатӣ», воқеъ дар деҳаи Деҳи нави деҳоти Мирзо Ризои ноҳияи Ҳисор, ки дорои Гувоҳномаи № 09/0010303 бо РЯМ 0910000383 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 23 октябри соли 2009 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

## ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи (ДИО) №1962/1-890 аз 5 июли соли 2012, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» санаи 6 июли соли 2012 таҳти №86-89 (2913-2916) нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун 17 июли соли 2012, соати $9^{30}$ хонда шавад.

***

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи (ДИО) №1958/1-886 аз 5 июли соли 2012, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» санаи 6 июли соли 2012 таҳти №86-89 (2913-2916) нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун 11 июли соли 2012, соати $9^{00}$ хонда шавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи 8Д-2- 465 гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 23 январи соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, бинои №19, ҳуҷраи 108 ба Талбаков Сухроб Ахмедович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1994 бо суроғаи кӯчаи Яккачинор, бинои150/2, ҳуҷраи 18 ба Рахимов Абдулло Нуридинович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0056229 бо РЯМ 0330036227-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 1 апрели соли 2010 ба Ҳакимов Акрам додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

***САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ***

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

***ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:*** *Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 9 июли соли 2012, соати 17.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 24137 нусха*

*Навбатдори шумора* Тилло Неккадамов

*Тарроҳи компютерӣ* И. Самохин